

# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН[1] ДАР СЕМОҲАИ ЧОРУМИ СОЛИ 2024

*Дар давраи ҳисоботӣ бо вуҷуди номуайяниҳо дар иқтисодиёти ҷаҳон ва идома ёфтани мухолифатҳои тиҷоратию сиёсӣ бо назардошти таъсири эҳтимолии онҳо ба иқтисодиёти кишвар, нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявии низоми бонкӣ дар маҷмуъ тамоюли муътадилро касб намуда, ба талаботҳои мақбул ҷавобгӯ буданд.*

**Кифояти сармоя.** Меъёри кифояти сармоя (К1-1) ва меъёри кифояти сармояи асосии соф (К1-3) нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявӣ дар низоми бонкӣ ба ҳисоб рафта, дар охири моҳи декабри соли 2024 аз ҳудуди муқарраршуда 9,8 банди фоизӣ (б.ф.) ва 7,8 б.ф. зиёд ичро гардида, мутаносибан 21,8 фоиз ва 17,8 фоизро ташкил доданд.

Мавриди зикр аст, ки аз сатҳи талаботи ҳадди ақал баланд қарор доштани нишондиҳандаи меъёри кифояти сармоя ба кам шудани талафоти эҳтимолии молиявӣ ва таъмини фаъолияти бемамониати низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

**Пардохтпазирӣ.** Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом ба талаботи ҳадди ақали меъёри мақбул (30 фоиз) мутобиқ буда, 78,3 фоизро ташкил намуд. Меъёри пардохтпазирӣ барои ташкилотҳои қарзии низомсоз низ ба талаботи ҳадди ақали меъёри мақбул (50 фоиз) мутобиқ буда, ба 76,6 фоиз баробар гардид. Пардохтпазирии бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи низоми бонкӣ 83,4 фоизро ташкил намуд.

**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокӣ аз рӯйи дороиҳо ва сармоя ҳамчун ифодакунандаи самаранокии фаъолияти низоми бонкӣ,

*1. Меъёри кифояти сармоя (К1-1) ва сармояи асосии соф (К1-3) дар низоми бонкӣ*




*2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)*




*3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя*




---

[1] *Бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва ТАҚХ*

тамоюли муътадил дошта, мувофиқан 3,8 фоиз ва 20,7 фоизро ташкил намуданд.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (ҚҒФ)[2] дар сандуқи қарз дар натиҷаи чораҳои самараноки андешидашуда нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 5,5 б.ф. кам шуда, 7,1 фоизро ташкил намуд. Бояд қайд намуд, ки ин нишондод пасттарин дар панҷ соли охир ба ҳисоб меравад.

Нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир (ФПТИ) нисбат ба ҚҒФ бошад, дар ин давра ба 85,2 фоиз баробар гардид.

Бояд қайд намуд, ки таносуби нишондиҳандаи ҚҒФ тарҳи ФПТИ нисбат ба сармояи танзимшаванда (СТ) ба ҳолати 31 декабри соли 2024 3,0 фоизро ташкил дод, ки ин нишондод кам будани сарбории ҚҒФ-ро ба сармоя ифода менамояд.

**Хавфи асъорӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи қарзҳои асъорӣ ва пасандозҳои асъорӣ дар муқоиса ба интиҳои моҳи декабри соли 2023 ба андозаи 6,0 б.ф. ва 5,0 б.ф. коҳиш ёфта, мувофиқан 27,2 фоиз ва 39,5 фоизро ташкил намуданд. Раванди коҳишёбии долларикунонӣ аз коҳиш ёфтани хавфи асъорӣ ва таъсири омилҳои беруна ба низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳад.

Яке аз роҳҳои муайян намудани осебпазирии сармояи низоми бонкӣ ба хавфи асъорӣ ин таносуби мавқеи умумии кушодаи асъорӣ нисбат ба сармояи танзимшаванда мебошад, ки номувофиқатии мавқеи кушодаи асъориро аз рӯйи дороиҳо ва уҳдадориҳо нишон медиҳад. Тибқи таҳлилҳо сармояи низоми бонкии Тоҷикистон аз хавфи асъорӣ нисбатан камтар осебпазир буда, нишондиҳандаи болозикр дар интиҳои моҳи декабри соли 2024 0,7 фоизро ташкил дод.

***4. Сифати сандуқи қарзӣ***




***5. (ҚҒФ-ФПТИ)/СТ***




***6. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ***




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ*

2 *Қарзҳои зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода.*